ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳовaддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи «Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ)

1. Мавзуи диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ бахшида шудааст, аз ҷиҳати илмию амалӣ мубрам ва дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун субъектҳои мустақили низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба низоми сиёсати байналхалқӣ ворид шуда, таъриху ҷуғрофиёи мухталифи ин минтақа ва имкониятҳои мавҷудаи он афзалиятҳои минтақаро дар саҳнаи сиёсати байналхалқӣ дучанд намудааст. Дигар проблемаҳои асосие, ки дар сиёсати имрӯзаи кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баҳс қарор дорад, ин масъалаҳои амниятӣ ва захираҳои табиии ин минтақа маҳсуб меёбад. Ин масъалаҳои самти наверо дар сиёсати кишварҳои абарқудрат боз намудааст.

Мубрамияти омӯзиши мавзуи мазкурро вазъи муосири муносибатҳои байналмилалӣ дар муносибат бо кишварҳои Осиёи Марказӣ боло бурдааст. Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи аз нигоҳи геополитикӣ муҳим, бархурди манфиатҳои абақудратҳоро бештар эҳсос менамояд. Вусъати муборизаҳои ошкорои геополитикӣ кишварҳои Осиёи Марказиро дар масъалаҳои интихоби роҳи минбаъдаи рушд қарор додааст. Новобаста ба вусъати равандҳои интегратсионӣ дар минтақа гароиши гунгунсамтаи кишварҳо эҳсос карда мешавад. Хусусан мавқеъгириҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон миёни Россия ва ИМА масъалаест, ки пӯшида боқӣ монда, таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмиро тақозо менамояд.

Вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои Ховари Миёна ба ҷанги Эрон бо Исроилу ИМА самти дигари муҳимме мебошад, ки муайян намудани таъсири он ба минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим мебошад. Ҳамсарҳадӣ, ҳамзабонӣ ва равобити устувори иқтисодию дипломатӣ ва гуманитарии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Исломии Эрон омилҳои таъсиррасониро ба вазъи сиёсии минтақа зиёд мегардад. Аз ин рӯ муайян

намудани роҳу воситаҳои паст намудани таъсири манфии раванди мазкур ба вазъи сиёсии минтақа аҳаммияти муҳимми илмиву амалӣ дорад.

Ҳадафи диссертатсия муайян намудани таъсири равандҳои геополитикӣ ба вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ ва нишон додани дурнамои рушди ҳамгироии кишварҳои минтақа мебошад. Барои расидан ба ҳадафи пешгузошташуда дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳо мушаххас карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо иҷрои чунин амалҳо асоснок карда мешавад: а) дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмӣ истифода гардида, ҷанбаҳои назариявии равандҳои геополитикӣ бо такя ба онҳо муайян карда шудааст; б) дар омӯзиши объект ва предмети таҳқиқот муаллиф методҳои илмии мушаххаси соҳаи сиёсатшиносиро ба кор бурдааст; в) дар таҳқиқот доираи васеи сарчашмаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи интернетӣ, маводи илмию таҳлилӣ истифода гардида, дурнамои таҳкими вазъи сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити муосир муайян шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар таҳқиқоти мазкур дар илмҳои сиёсии ватанӣ бори аввал масъалаи муайян намудани хусусиятҳои равандҳои геополитикии муосир ва нишон додани таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Ҳолатҳои муҳимтарини навгонии илмии таҳқиқот дар бандҳои зерин ифода ёфтаанд: дар заминаи таҳлили марҳалаҳои гуногуни ташаккулёбии назарияҳои геополитикӣ хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии замони муосир нишон дода шудааст; шаклҳои зоҳиршавии ҷаҳонишавӣ ва равандҳои геополитикӣ таҳлил гардида, таъсири онҳо ба ташаккулёбии давлатдории миллӣ асоснок карда шудааст; дар асоси таҳлили манфиатҳои геополитикии акторҳои хориҷӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ заминаҳои пайдоиши бархӯрди манфиатҳо ва равандҳои оштинопазир дар минтақаи мазкур муайян карда шудааст; хусусиятҳои муҳимми равандҳои геополитикии минтақавӣ таҳқиқ гардида, таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ муайян карда шудааст; дар асоси таҳлили таҳдиду хатарҳои замони муосир механизмҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ арзёбӣ гардида, дурнамои таҳкими вазъи сиёсии минтақа асоснок карда шудааст; дурнамои рушди Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии вазъи геополитикии олам арзёбӣ гардида, нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амнияти минтақавӣ муайян карда шудааст.

Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлил ва таҳқиқи сиёсати экологии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони соҳибистиқлолӣ, заминаҳои ташаккули сиёсати миллӣ ва минтақавии экологӣ дар ин минтақа, сабабу омилҳои сар задани мушкилоти экологӣ ва таъсири онҳо ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, рушди устувори давлатҳо, роҳу усулҳои таъмини амнияти экологӣ ва дар заминаи он таъмини амнияти миллию минтақавӣ, коҳиш додани таъсири манфии мушкилоти экологӣ ба саломатии аҳолии минтақа, ҳамоҳангсозии назариявии манфиатҳои миллии давлатҳо бо манфиати муҳити зист ва табиат, ҳамзамон дарёфти роҳу усулҳои таҳияи сиёсати натиҷабахши экологӣ дар сатҳи минтақаи Осиёи Марказӣ инъикос ёфтааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд. Таҳқиқот дорои заминаи мустаҳками назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои илмии он дар асоси таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба пешниҳод шудаанд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи илмӣ ва сохтори муназзам мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси илмии 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-079 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 -уми октябри соли 2024, таҳти № 364 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқоти мазкур ба талаботи Феҳристи ихтисосҳо, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷа ва дастовардҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти ҷумҳуриявӣ нашр шудааст, пешниҳод гардидаанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ифодаи худро

ёфтаанд. Вобаста ба мавзуъ муаллиф 5 мақолаи илмиро дар маҷалаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи “Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ” ҳамаи манбаъҳои илмӣ бо ишора ба муаллифони онҳо оварда шудаанд. Ин ҳолат аз риоя гардидани талаботи банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда усулҳои илмии истифодашуда боэътимод буда, ба ихтисоси илмии диссертатсия мутобиқат мекунанд.

7. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ бо дарназардошти банди 56 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, инчунин, банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Маҳмадзод Фирӯз Маҳмад дар мавзуи “Равандҳои геополитикӣ ва таъсири онҳо ба вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

– Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович – Доктори фалсафа (PhD), - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – Сиёсатшиносӣ (6D050204 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) Донишгоҳи давлатии тиббиТоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, асситенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ

3) Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ таъин карда шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Барои чопи автореферати диссертатсия бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор Ш. Шоисматуллоев

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои фалсафа, дотсент М.А. Назар

доктори илмҳои таърих З.Ш. Сайидзода